# Тақризи

мукарризи расмӣ ба диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич тахти унвони «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маънои ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик» (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01-Забони тоҷикӣ

Агар сухан дар бораи комёбиҳои илми забоншиносии тоҷик равад, бешак ҳиссаи бештареро ба тадқиқи масъалаҳои наҳви забони тоҷикӣ нисбат додан мумкин аст, зеро бар замми маълумотномаҳое, ки дар китобҳои дарсии мактабӣ ва мактабҳои олию академӣ доир ба навҳи забони тоҷикӣ зикр гардиданд, боз даҳҳо асару мақолаҳои илмӣ таълиф ёфта, теъдоди зиёди рисолаҳои номзадиву докторӣ дифоъ шудаанд, ки муаллифи рисола Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич дар «Мукаддима»-и дисертатсия ба тариқи муназзам қайд кардааст. Бояд гуфт, ки таҳқиқи мукаммали ин мавзӯъ дер боз муҳаққиқи худро интизор буд. Ин вазифаи пурмасъулият ва сангинро Ғаффоров А. О. ба уҳда гирифта, тадқиқотеро анҷом додааст, ки шоистаи дастгирист.

Мусаллам аст, ки ибораҳои феълӣ аз ҷиҳати сохт ва ифодаи муносибати синтаксисӣ мураккабтарин, сернавътарин ва сермаҳсултарини ибораҳои синтаксисии забони адабии ҳозираи тоҷик маҳсуб меёбад. Аз ин нигоҳ, диссертатсияи доктории Ғаффоров Абдушукур, ки маҳз ба таҳқиқи хусусиятҳои грамматикӣ ва луғавию семантикии ибораҳои феълӣ дар осори мансури сарчашмаҳои хаттии асрҳои XV-XVI бахшида шудааст, бешубҳа, саривақтӣ ва рӯзмарра буда, саҳми назаррасе дар таҳқиқи ин унсурҳои забони тоҷикӣ дорад.

Пажӯҳиш ва омӯхтани ибораҳо, махсусан барои забони тоҷикӣ аҳамияти калон дорад, зеро забони тоҷикӣ, ки хусусияти аналитикӣ дорад, бино бар ин дар мавридҳои зиёд маънои грамматикии калима ба

воситаи алоқаи он бо дигар калимаҳо муайян мешавад. Зиёда аз ин, гоҳо маънои луғавии калима низ аз рӯйи алоқаи калимаҳои ҳампаҳлӯ, яъне ҷузъҳои ибора равшан мегардад. Бисёр маънои грамматикӣ ба воситаи қолаби ибора ифода меёбад. Аз нигоҳи ибора омӯхтани масъалаҳои грамматикаи забони тоҷикӣ, бешубҳа, натиҷаҳои дилхоҳ хоҳад дод. Таълимоти ибора барои боз ҳам равшантар муқаррар намудани қонуни ҳаракати доимии забони адабии тоҷик, қайд намудани ҷунбиши сохти он, пайдоиши аломатҳои аввалини ҳодисаҳои нави забонӣ, нишон додани аз истеъмол баромадани баъзе қолабу таркибҳои забонӣ ва г. имконияти васеъ муҳайё мекунад. Сохти грамматикаи забони тоҷикӣ, ки таърихан бисёр устувор буда, дар давоми асрҳои зиёд асосу бунёди худро нигоҳ доштааст, бо мурури замон ба тағйироти муайяне низ дучор шуда, мукаммал гардидааст. Ин тағйирот дар забон аз ҳама равшантар ва пеш аз ҳама дар низоми иборaҳо зоҳир мегардад. Назарияи ибора ёрӣ мерасонад, ки ба моҳият ва қонунҳои грамматикии ҷумлаи забони тоҷикӣ дақиқтар ва дурусттар назар карда шавад. Ғайр аз ин, дар партави назарияи ибора як қатор масъалаҳои дигари мураккаби грамматикаи забони тоҷикӣ ҳалли дурусти худро хоҳанд ёфт, ки чунин масъалагузориҳо дар диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур ба таври саҳеҳ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Муаллиф чун қоида муқаддимаро ба тасвири мубрамияти таҳқиқи мавзӯъ, усули таҳқиқ, маводу навгониҳои таҳқиқ аҳамияти назарию амалии таҳқиқ ва дигар ҷанбаҳои сохтории кор бахшидааст.

Боби нахустини диссертатсия "Таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва роҳҳои инкишофи иборaҳои феълии забони тоҷикӣ" ном дошта, дар он роҷеъ ба дараҷаи пажӯҳиши ибора дар забоншиносии умумӣ ва забони тоҷикӣ, вижагиҳою аломатҳои хоси иборaҳои феълӣ маълумот дода мешавад. Инчунин, дар ин боб шаклгирӣ ва рушди иборaҳои феълии забони тоҷикӣ дар забони насри асрҳои XV-XVI мавриди пажӯҳиш қарор гирифта, дар

рафти таҳқиқ ба баъзе масоили ҳалношудаю баҳсталаб, ки дар ин мавзӯъ зиёд аст, диққати ҷиддӣ дода шудааст. Муҳаққиқ бо назардошти маводи тозаи забоншиносии умумӣ ва тоҷик ақидаи хешро дар бораи ибораи синтаксисӣ инкишоф дода, мақоми ибораҳои феълиро дар системаи синтаксис махсус таъкид месозад. Диссертант дуруст қайд мекунад, ки таҳқиқи наҳвии осори гаронбаҳои давраи классикӣ дар замони ҳозира аз масъалаҳои басо мубрами забоншиносии тоҷик маҳсуб меёбад. Махсусан, забони осори насри бадеии классикӣ, ки дар таърихи тамаддуни халқи тоҷик нақши бузург гузоштааст, баҳри ифшою рушанӣ андохтан ба хусусиятҳои зиёди алоқаи калимаҳо ва равобити муносибатҳои наҳвии онҳо аҳамияти махсус дорад, ки ин андешаи муҳаққиқ шоистаи дастгирист. Доир ба ибораҳои феълии алоқаи ҳамроҳӣ дар фасли охири ҳамин боб маълумот оварда шудааст, ки ҷолиби диққат аст.

Боби дуюми диссертатсия «Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслӣ” номгузорӣ шуда, аз шаш фаслу зерфасл таркиб ёфта, муҳаққиқ дар ҳар фасл вобаста ба масоили гузошташудаи фасл мулоҳизаву андешаҳои худро баён доштааст, ки хеле ҷолиб аст. Ибораҳои феълии бо пешояндҳои “ба”, “дар”, “аз”, “бар”, “бо”, “барои, аз барои, то (то ба, аз...то, аз...то ба ), бе, ҷуз (ҷуз аз, ҷуз ба, ҷуз бар) шаклёфта дар ҳар як фасл таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Дар ин боб ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои аслӣ аз нуктаи назари илмӣ бо маводи фаровон баррасӣ шудаанд. Муҳаққиқ ҳар як пешоянди аслиро дар алоҳидагӣ аз муоина гузаронида, нишонаҳои фарққунандаи ибораҳои феълиро бо ин навъи пешояндҳо тариқи муназам ва алоқамандона бо ҳамдигар маънидод намуда, қайд менамояд, ки “пешоянди “**ба**” дар таркиби ибораҳои феълӣ **970** маротиба дучор гардид ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки пешоянди мазкур аз ҷиҳати доираи истифода аз пешояндҳои сермаънову сервазифа маҳсуб меёбад, ки ҳақ ба ҷониби муаллифи диссертатсия аст.

Боби сеюми диссертатсия “Ибораҳои феълӣ бо пешояндҳои номӣ ва пасоянд” унвон гирифта, дар ин боб алоқаи калимаҳо дар таркиби ибораҳои

феълӣ тавассути пешояндҳои номӣ ва номию таркибӣ, пасоянд, пешоянду пасоянд таҳқиқ шудааст. Ин боб фарогири чор фасл буда, дар фасли якум алоқаи калимаҳо бо пешояндҳои номии изофӣ ва номии таркибӣ таҳлил гардида, ифодаи муносибатҳои синтаксисӣ хеле моҳирона ва бо забони содаву фаҳмо шарҳу эзоҳ дода шудааст. Алоқаи калимаҳо бо пасоянд ва бо пешоянду пасоянд фаслҳои сеюму чоруми боби мазкурро ташкил додаанд.

Дар алоқаи пасояндии ибораҳои феълии осори мавриди таҳқиқ, асосан, пасоянди **"-ро"** ва пасоянди аслии **"боз"** таҳлил гардидааст. Муҳаққиқ тамоми ибораҳои пешояндиву пасояндӣ ва омехтаро аз бобати сохтору маъно ба таври амиқ таҳлил карда, махсусан ба ошкор кардани муносибатҳои синтаксисии онҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Дар диссертатсия ибораҳои феълӣ бо ҳар як пешоянду пасоянд алоҳида таҳлил шуда, тобишҳои гуногуни муносибатҳои синтаксисӣ вобаста ба маънои луғавию грамматикии ҷузъҳо хеле барҷаста баён гардидааст.

Боби чорум "Баррасии маънои ибораҳои феълӣ" номгузорӣ гардида, таснифоти маъноии феълҳо дар таркиби ибораҳои феълии давраи мавриди назар таҳқиқ шудааст. Дар фаслҳои боби мазкур ба таҳлили феълҳо, ки ҳам маънои аслӣ ва ҳам ба маънои маҷозӣ дар таркиби ибораҳои феълӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд, диққат дода шудааст. Дар ин боб маънои луғавии калимаҳо омили муҳимми алоқаи калимаҳо дар ҷумла ба ҳисоб меравад. Маълум аст, ки маънои луғавӣ бе маънои грамматикӣ вуҷуд дошта наметавонад. Андешаҳои муҳаққиқ доир ба алоқамандиии маънои грамматикӣ бо маънои луғавӣ дурусту қобили қабуланд.

Хулосаи кор ҷамъбасти нуктаҳои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Аз мазмуну муҳтавои кор, феҳристи адабиёти илмӣ аён мегардад, ки унвонҷӯ аз адабиёти илмӣ пурсамар ва эҷодкорона истифода намудааст. Ба ин таҳлили адабиёти илмӣ, ки дар боби аввал дарҷ шудааст, низ гувоҳи возеҳ аст. Аз ин маълум мегардад, ки асоси назариявию методологии диссертатсияи мазкурро сарчашмаҳои хаттии осори мансури асрҳои XV-XVI, хусусан фарҳангҳо, асарҳои илмии

забоншиносони рус ва хориҷи он ва таҳқиқоти забоншиносони тоҷик ташкил медиҳанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки таҳқиқот зимни маводи фаровони таҳлилӣ анҷом ёфтааст.

Рисола ба кас таассуроти хуб мебахшад. Ба муаллиф ҳалли масъалаҳое, ки ҳамчун мақсад ва ҳадафҳои диссертатсия қарор гирифтаанд, муяссар гардидааст.

Ҳамин тариқ, дар диссертатсия бори нахуст дар забоншиносии тоҷик таҳқиқи масъалаҳои назариявӣ ва ташаккули ибораҳои феълӣ, инчунин хусусиятҳои грамматикии ибораҳои феълӣ дар асрҳои XV-XVI ба сурати яклухт ва системанок мавриди таҳқиққарор гирифтааст. Ба андешаи мо, гузориши масъалаи мавриди таҳқиқ, яъне таҳқиқи вижагиҳои дастурӣ ва маъноии ибораҳои феълии забони тоҷикӣ дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI аз дастовардҳои муҳимми соҳиби диссертатсия маҳсуб меёбад.

Унвонҷӯ дар диссертатсия аз усулҳои маъмули таҳқиқотӣ усули муқоисаю муқорана таҳлил ва ҳисоби басомади ибораҳои феълӣ босамар истифода намудааст. Албатта, таҳқиқоте ба ин ҳаҷм ва дар мавзӯи хеле баҳсноки забоншиносӣ комилан бе нуқсон буда наметавонад ва мо қарзи ҳампешагии худ меҳисобем, ки то ҷиҳати дар оянда ислоҳ карданашон чанде онҳоро баён намоем:

1.Дар диссертатсия баъзе муносибатҳои синтаксисӣ ҳангоми таҳлили мавод хира шарҳ ёфтааст. Ин вазъ ба он вобастааст, ки як қисми ибораҳо дар таркиби ҷумла оварда нашудаанд.

2. Ҳангоми таҳлили мавод ба алоқаи ҳамроҳӣ, ки дар ташаккули ибораҳои феълӣ нақши аввалиндараҷа доранд, камтар таваҷҷуҳ шудааст.

3. Ҳангоми таҳлили тадқиқоти олимони дигар хронологияи онҳо ба эътибор гирифта нашудааст.

4.Дар диссертатсия ҷо-ҷо андешаву фарзияҳои илмӣ бидуни нишон додани манбаъ ба таври умумӣ баён гардидааст.

5.Дар се-чор маврид бо ибораи "асари монографӣ", осори дигари монографӣ" дучор омадем, ки ба ҷойи он рисолаи, монографияи ё асари гуфтан беҳтар аст.

6. Дуруст аст, ки танҳо дар асоси маълумоти таърихи забон масоили муҳимми забон, аз ҷумла ҳолати имрӯзаи онро фаҳмидан мумкин аст, мутаассифона, дар диссертатсия ба ҷанбаи таърихии масъалаи мазкур таваҷҷуҳи даркорӣ зоҳир нагардидааст.

7.Дар қисматҳои ҷудогонаи диссертатсия, ки ба таҳлили маводи фаровони ибораҳои феълӣ бахшида шудааст, таваҷҷуҳ ва такя ба фарҳангу луғатҳои соҳавӣ ва дигар манобеи илмию амалӣ камтар сурат гирифтааст.

8. Бо ду воситаи грамматикӣ алоқа бастани вожаҳои ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик ҳодисаи маъмул аст, вале дар диссертатсия ба ин масъалаи мухим таваҷҷуҳи даркорӣ зоҳир нашудааст.

9. Дар автореферат ғалатҳои имлоӣ (ниг. с.15, 18, 24, 56), китобатӣ (ниг. с. 4, 7, 21, 41) ва ҷо-ҷо ғалатҳои услубӣ (с.11,12) ба назар расиданд.

Нуқсонҳои дар боло номбаршуда ба осонӣ ислоҳшавандаанд ва боиси костагии аҳамияти калони илмии диссертатсия намегарданд. Бояд гуфт, ки диссертант аз дараҷаи кунунии таҳқиқи ибораҳои феълии забони тоҷикӣ эҷодкорона истифода бурда, дар омӯзиши ин унсурҳои забонӣ ба комёбиҳои калон ноил гардидааст. Диссертатсияи Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои грамматикӣ ва маъноии ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик» (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI) дар сатҳи баланди илмиву назариявӣ иншо шуда, саҳми сазоворест, дар таҳқиқи ибораҳои синтаксисии забони тоҷикӣ. Маводи диссертатсияи илмии мавриди назар дар пажӯҳишоти минбаъда ва таҳияи асарҳои илмӣ дар мавзӯи ибораҳои феълӣ, дар таълими забони тоҷикӣ ва мукаммал намудани мундариҷаи китобу дастурҳои таълимӣ чун сарчашмаи боэътимоде хизмат карда метавонад. Фишурдава асару мақолаҳои нашршудаи диссертант муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд. Бо боварӣ метавон

гуфт, ки диссертатсияи Ғаффоров А. О. дар мавзӯи « Хусусиятҳои грамматикӣ ва маънои ибораҳои феълӣ дар забони адабии тоҷик» (дар асоси маводи осори мансури асрҳои XV-XVI) ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ғаффоров Абдушукур Одинашоевич ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.01.- Забони тоҷикӣ шоиста аст.

**Муқарризи расмии якум**

Доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи
давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев Офаридаев Назрӣ

Имзои профессор Офаридаев Назриро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои ДДХ ба номи М. Назаршоев Шабдолов Қ.

Суроға: 736000 Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Хоруғ, к. Шотемур,109, Донишгоҳи давлатии Хоруғба номи М. Назаршоев
**KSU.khogu@mail.ru** **Тел.: 939314032**

20.04.2021.